# СУРАТМАҶЛИСИ №131

ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-018-и назди
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

25-уми июни соли 2026 ш. Душанбе

Иштирок доштанд: аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, №16/шд (бо тағйири ҳайат аз 5 июли соли 2024 № 224/шд) тасдиқ гардидааст, иштирок доранд 15 нафар, аз онҳо 5 нафарашон докторони илм ва 1 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравand. Аз 15 нафар аъзои Шуро 14 нафар ба таври ҳузурӣ ва 1 нафар ба таври маҷозӣ иштирок доранд. Пешниҳод карда мешавад, ки ҷаласаи Шуро кушода эълон шавад. Марҳамат, ягон пешниҳоди дигар ҳаст? Нест. Қарор қабул карда шуд, ки ҷаласаи шурои диссертатсионӣ кушода эълон шавад.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ҳимояи диссертатсияи Шукурзода Фарҳодҷон Манон дар мавзуи «Асосҳои маданӣ-ҳуқуқии фаъолияти судҳои ҳакамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ).

**Роҳбари илмӣ:**

Раҷабзода Маҳмадёр Носир – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, ректори Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт.

**Муқарризони расмӣ:**

Сангинзода Дониёр Шомаҳмад – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, муовини директори Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

Сидиқов Дилшод Аҳророович – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар:**

Муассисаи давлатии таълимии «Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш. Душанбе).

Кӣ ба рӯзномаи ҷаласа тарафдор аст, хоҳишмандем овоз диҳед. Муқобил – нест. Бетараф – нест. Ҳама тарафдор мебошанд.

Сухан ба котиби илмии шурои диссертатсионӣ Қодиров Н.А. доир ба пешниҳод намудани маълумотномаи мухтасар дар бораи довталаби дараҷаи илмӣ.

**(Парвандаи унвонҷӯй № ___)**

**Раис**: Ба котиби илмии шурои диссертатсионӣ Қодиров Н.А. ягон савол ҳаст, доир ба ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда ва маълумотномаи мухтасар дар бораи унвонҷӯ? Савол нест.

Сухан ба диссертант Шукурзода Фарҳодҷон Манон оид ба муҳтавои асосии диссертатсия дода мешавад.

**Шукурзода Ф.М. –** баромад кард.

**Раис:** Ба диссертант, кӣ савол дорад? Муртазозда Ҷ.С., Имомзода Н.М., Мирзозода П.З., Маҳмудзода М.А., Назаров А.Қ.

**Шукурзода Ф.М. –** ба саволҳо ҷавоб дод.

**Раис:** Боз савол ҳаст ба диссертант? Савол нест.

Сухан ба роҳбари илмии диссертант, Раҷабзода Маҳмадёр Носир дода мешавад (тақриз замима мегардад).

**Раис:** Сухан ба котиби илмии шурои диссертатсионӣ, Қодиров Н.А., барои қироати хулосаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, тақризи муассисаи пешбар, тақризҳое, ки ба автореферати диссертатсия фиристода шудаанд, дода мешавад.

Котиби Шуро қироат мекунад:

1. Хулосаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
2. Тақризи муассисаи пешбар.
3. Тақризҳои воридшуда.

**Раис:** Барои ҷавоб додан ба эродҳои тақризи муассисаи пешбар ва тақризҳои воридгашта сухан ба диссертант дода мешавад.

**Шукурзода Ф.М.** – баромад кард.

**Раис:** Сухан ба муқарризи расмии якум: Сангинзода Дониёр Шомаҳмад – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, муовини директори Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дода мешавад (тақриз замима мегардад).

**Раис:** Сухан ба диссертант барои ҷавоб додан ба эродҳои муқарризи расмии якум дода мешавад.

**Шукурзода Ф.М.** – баромад кард.

**Раис:** Сухан ба муқарризи расмии дуюм: Сидиқов Дилшод Аҳрорович – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон дода мешавад (тақриз замима мегардад).

**Раис:** Сухан ба диссертант барои ҷавоб додан ба эродҳои муқарризи расмии дуюм дода мешавад.

**Шукурзода Ф.М.** – баромад кард.

**Раис:** Ба мубоҳиса мегузарем. Кӣ хоҳиши иштирок намудан дар муҳокимаи диссертатсияро дорад. Марҳамат! Маҳмудзода М.А., Тағойназаров Ш.Т., Ғафурзода А.Д., Муртазозода Ҷ.С.

**Раис:** Кӣ боз хоҳиши баромад намудан дар муҳокимаи диссертатсия ба ҳайси муқарризи ғайрирасмиро дорад? Хоҳишмандон нест.

Ба диссертант сухани хотимавӣ дода мешавад.

**Шукурзода Ф.М.** – баромад кард.

**Раис:** Ҳамин тариқ, муҳокимаи диссертатсия анҷом меёбад. Ба расмиёти овоздиҳии пинҳонӣ мегузарем. Барои гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ интихоби комиссияи ҳисоб зарур аст.

Ба ҳайати комиссияи ҳисоб аъзои зерини шурои диссертатсионӣ интихоб шуданд: Холиқзода А.Ғ., Назаров А.Қ., Аминова Ф.М.

Дигар пешниҳод нест? Нест. Кӣ чунин ҳайати комиссияро тарафдор аст, хоҳиш менамоям, овоз диҳед. Муқобил, бетараф – нест. Ҳама тарафдор аст.

Аз ҳайати комиссияи ҳисоб хоҳиш карда мешавад, ки фаъолияти хешро амалӣ намояд. (Овоздиҳии пинҳонӣ гузаронида мешавад).

**Раис:** Барои қироати натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ, сухан ба раиси комиссияи ҳисоб доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Холиқзода А.Ғ.

**Раис:** Барои тасдиқи суратмаҷлиси комиссияи ҳисоб, ки тарафдор аст, ҳоҳиш карда мешавад, ки овоз диҳед. Муқобил, бетараф – нест. Ҳама тарафдор.

Ба қабули матни хулоса оид ба диссертатсияи Шукурзода Фарҳодҷон Манон, ки ба аъзои шурои диссертатсионӣ тақсим карда шудааст, мегузарем. Аз ҷониби аъзои шурои диссертатсионӣ ягон эрод, пешниҳод ё илова ҷой дорад? Ҳамчун асос қабул карда шавад.

**Раис:** Кӣ ба хулосаи шурои диссертатсионӣ тарафдор аст, марҳамат овоз диҳад. Муқобил, бетараф – нест. Қарор бо як овоз қабул шуд. (Хулосаи шурои диссертатсионӣ замима мегардад).

**Раис:** Иҷозат диҳед, қарори шурои диссертатсиониро оид ба ҳимояи диссертатсияи Шукурзода Фарҳодҷон Манон қироат намоям.

**ҚАРОРИ**
**ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-018-и**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

25-уми июни соли 2026 ш. Душанбе

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 таҳқиқоти диссертатсионии Шукурзода Фарҳодҷон Манон дар мавзуи «Асосҳои мадании-ҳуқуқии фаъолияти судҳои ҳакамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) (роҳбари илмӣ: Раҷабзода Маҳмадёр Носир – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, ректори Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, ҳамчунин, тақризи муассисаи пешбар Муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон», тақриз ва баромади муқарризони расмӣ: Сангинзода Дониёр Шомаҳмад – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, муовини директори Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Сидиқов Дилшод Аҳророович – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти

кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон, баромади аъзоёни шурои диссертатсионӣ, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда докторони илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Маҳмудзода М.А., Тағойназаров Ш.Т., Ғафурзода А.Д., Муртазозода Ҷ.С. ро шунида, мавриди муҳокима қарор дод.

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ ва хулоса, ки аз ҷониби Шуро бобати саҳеҳ будан, навгонии илмӣ, аҳамиятнокии хулоса ва натиҷаҳои диссертатсияи Шукурзода Фарҳодҷон Манон, инчунин оид ба интишороти у қабул шудааст,

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Шукурзода Фарҳодҷон Манон дар мавзуи «Асосҳои мадании-ҳуқуқии фаъолияти судҳои ҳакамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба талаботи бандҳои 31 ва 33-35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудаанд, мувофиқат мекунад.
2. Маводи илмии чопнамудаи довталаби дараҷаи илмӣ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд.
3. Ба Шукурзода Фарҳодҷон Манон дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.
4. Барои додани дипломи номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ ба Шукурзода Фарҳодҷон Манон аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш менамоем, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор – 15 нафар. Муқобил – нест. Бетараф – нест.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раисикунанда муовини раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Золотухин А.В.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қодиров Н.А.